# АЛАФ, БУЗ ВА

## Ё сияҳрӯзии кӯдакони кишвар ва сӯиистифода аз меҳнати онҳо

***Масъалаи сӯиистифода аз меҳнати кӯдакон дар Тоҷикистон солҳо боз аҳли ҷомеаро ба ташвиш овардааст. Ҳарчанд дар ин маврид омори дақиқ вуҷуд надорад, аммо Созмони байналмилалии меҳнат теъдоди ноболиғони коргарро ҳудуди 170 ҳазор нафар мегӯяд. Гуфта мешавад, ки 85 фоизи кӯдакони коргар ба меҳнати иҷборӣ дар бахши кишоварзӣ ҷалб шуда, 3,4% онҳо дар сохтмон, 3,7% дар тиҷорат ва 7,4% дар саноат ба кор машғуланд. Дар ҳар мавсим, чи баҳору тобистон ва чи тирамоҳу зимистон барои ноболиғи тоҷик кори "сиёҳ"-е ёфт мешавад.***



Фазлиддин ХОҶАЕВ

### Пахтачинӣ, аммо баъд аз дарс

Дар солҳои баъди ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон, ноболиғони "қуттибадаст", яъне талбанда зиёд ба назар мерасиданд. Онҳоро сари чанд қадам, дар канори роҳу тангкӯчаҳои хиёбонҳо ва дохили бозорҳо дидан мумкин буд. Бо паси сар шудани нооромиҳо ва мӯътадил гардидани вазъи иҷтимоӣ, теъдоди ин тоифа коҳиш ёфт. Қисмати зиёди ноболиғони талбанда аз ин "шуғл" даст кашиданд. Аммо барои насли наврас марҳилаи дигар оғоз шуд. Марҳилаи аробакашиву мошиншӯӣ, селофанфурӯшию испанддудкунӣ, пахтакориву пахтағундорӣ ва чандин кори вазнини дигар, ки солҳои охир низ идома дорад. Бахусус дар манотиқи кишоварзии кишвар, аз Суғд то Рашту Хатлон кори саҳро бе меҳнати кӯдакон тасаввур намешавад. Ин ҳақиқатест, ки ҳама мебинанд, аммо кам касон вокуниши қатъӣ нишон медиҳанд. Яъне, ба ҷуз вокуниши доираҳои маҳдуд ва ҳамон ҳам созмонҳои ҷудогона, ки дар мавриди ҳуқуқҳои кӯдакон баҳс меороянд, эътирози ҳамагонӣ ба вуҷуд наомадааст.

22-юми ноябри соли 2012 семинаре таҳти унвони "ВАО ва ҳуқуқи кӯдак" бо ташаббуси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ва Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) дар шаҳри Душанбе баргузор гардида буд. Дар ин чорабинӣ атрофи истифодаи меҳнати кӯдакон низ баҳс сурат гирифт ва намояндаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд Дилбар Самадова гуфт: "Мутаассифона, факти ҷалби хонандагони мактаб ба корҳои ҷамъиятӣ, бахусус пахтачинӣ вуҷуд дорад. Чун ман худам зодаи деҳаи Ёва ҳастам, медонам, ки ҳамин чиз дар ҷамоати деҳот ба чашм мерасад. Ба воситаи мошинҳои боркаши болокушода бачаҳоро баъди дарс ё дар рӯзҳои истироҳат ба пахтачинӣ мебаранд".

Аммо ба қавли Маҳмудхон Шоев, сухангӯйи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷалби кӯдакон ба пахта манъ аст: "Дар ин маврид фармони махсуси вазорат ҳаст ва супориши вазорат низ ба тамоми масъулони ҳокимияти маҳаллӣ равон шудааст, ки ноболиғон ба пахта ҷалб карда нашаванд. Дар он нуқтаҳое, ки ин масъала вуҷуд дорад, журналистон бояд хабар диҳанд ва мо чора меандешем. Ба мудирони шӯъбаҳои маориф низ дастур дода мешавад, ки хонандагони мактабҳо ба кори саҳро ҷалб нагарданд. Аммо берун аз ҷараёни дарс кӯдак ҳуқуқ дорад ва метавонад рафта ба падару модари худ кӯмак расонад. Имрӯз дигар колхозу совхоз нест. Агар аз ҷониби мақомоти иҷроия шуда бошад, ин нодуруст ва қонунвайронкунӣ аст".

Роҳбари Мактаби мустақили рӯзноманигории "Тоҷикистон-асри XXI" Сафо Сафаров, ҷалби ноболиғонро ба пахтачинӣ масъалаи ҷиддӣ ва нигаронкунанда арзёбӣ мекунад.

"Дар мисоли Ӯзбекистон мегӯям, он пахтае, ки дар он ҷой ҷамъоварӣ мешавад, аз ҷониби ширкатҳои байналмилалии матоъистеҳсолкунанда мавриди таҳрим қарор гирифтааст. Агар дар Тоҷикистон ҳам чунин далелҳо бошанд, ин хавф дорад. Аз сӯи дигар, тибқи меъёрҳои байналмилалӣ ва ҳам дохилӣ, аслан ҷоиз нест истисмори кӯдак. Фарқ надорад, ки мактаб аст ё ҳокимияти маҳаллӣ, набояд дидаю дониста ноболиғро барои ҷамъоварии пахта сафарбар кунад. Фикр мекунам, ки ин амал як гуна худсарӣ аст ва аз ҷониби воситаҳои ахбори омма бидуни истиҳола бояд инъикоси худро дар расонаҳо ёбад",- афзуд ӯ.

Бе шубҳа, С. Сафаров зиёда аз 100 ширкати ҷаҳониро дар назар дошт, ки бо далели истифода шудани меҳнати маҷбурии кӯдакон, даст кашиданашонро аз харидории пахтаи Ӯзбекистон расман эълон карда буданд.

Коршиноси масоили иҷтимоӣ аз вилояти Суғд Оро Маъруфпур мегӯяд, истифода аз меҳнати ноболиғон дар вилоят вуҷуд дорад: "Бо баҳонаи кӯмак ба кишоварзон, хоса дар вилояти Суғд, ҷалби мактабиён ба пахтачинӣ расм шудааст. Вақте шогирди мактаб пахта мечинад, баъди ҷамъоварии ҳосил устод назди раиси хоҷагӣ меравад, ки акнун бо ғӯзапоя ҳамчун ҳезум ба муаллимон кӯмак кунад. Яъне муаллимон ҳавасманд ҳастанд, ки барои таъмини сӯзишворӣ-ғӯзапоя аз меҳнати шогирдони ноболиғ истифода баранд",- иброз намуд ҳамсӯҳбати мо.

Мавсуф ҳамзамон иброз медорад, ки истифодаи заҳмати ноболиғон дар давраи шӯравӣ ҳам ҷой дошт ва аз ҳаёти худ мисол меорад: "Дар синфи 10-ум мехондам, ки муаллими физика мо - писаронро барои хошокдаравӣ ба заминаш даъват кард. Ман саркашӣ кардам ва ҳангоми имтиҳон ин муаллим ба донишам баҳои паст гузошт. Ҳамин майлон имрӯз ҳам идома дорад. Муаллимон духтаронро ба тоза кардани хона, писаронро ба корҳои саҳроии худ ҷалб мекунанд".

### Ноболиғ, хар ва ғӯзапоя

Эътирози коршиносони суғдӣ дар ҳолест, ки фаъолони ҷомеа аз вазъи ногувори атфоли вилояти Хатлон бештар изҳори ташвиш мекунанд. Зеро дар ин минтақа ноболиғони зиёд ба меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ ҷалб шудаанду бо хару асп сарукор доранд.

Моҳи охири тирамоҳи гузашта буд, ки ноболиғеро дар канори истгоҳи таксиҳои шаҳри Кӯлоб бо ҳоли нигаронкунанда дидам. Ӯ либосу пойафзоли нимдошт ба бар дошт ва ғӯзапоя савдо мекард. Дақиқтараш, 15-20 дарза ғӯзапоя болои ароба гузошта, хари шалпаршро аз он раҳо кардаву ба симчӯбе баста буд. Сӯҳбатамон бо ноболиғ озодона доир гардид, танҳо ба шарте, ки ғайр аз номаш дигар ҳеҷ як паҳлӯи нозуки ба шахсияташ таъсиррасонро дарҷ накунем. Ӯ номи худро Саймумин гуфт ва қисса кард, ки ғӯзапояҳои пеши назар маҳсули заҳмати якмоҳаи аҳли оилаашон аст.

- Ман дар синфи 7 мехонам. Чун фарзанди калони хона ҳастам ва падарам дар Русия аст, маҷбурам ба модарам кӯмак расонам. Худо раҳми моро хӯрду ҳамин сол ҳамсояамон хоҷагии деҳқонӣ ташкил кард. Як моҳ ману модар ва хоҳари 11-солаам дар замини пахтаи ӯ, ки 4 гектар аст, пахтачинӣ кардем. Ҳарчанд пул барои чидани пахта кам буд, аммо ба шарти гирифтани ғӯзапояи 1 гектар замин модарам розӣ шуд, ки кор кунем. Хулоса, пахтаро чидем ва акнун ҳар рӯз як маротиба ба хона ва як бор барои фурӯш аз саҳро ғӯзапоя меорам,- гуфт Саймумин.

Вақте дар бораи оқибати "савдо" ва таъсир ба дарсҳояш пурсон шудем, китф дарҳам кашиду илова намуд: "Хайр, чӣ илоҷ!? Маҷбурам то тоза шудани он 1 гектар замин аз ғӯзапоя дарсро кам-кам "фиреб" кунам. Аввалҳо, вақте ягон рӯз аз дарс қафо мемондам, муаллимон сарзаниш мекарданд. Вале вақте модарам дар наздашон гиряву зорӣ кард, дилашон сӯхту ҳоло аҳамият намедиҳанд. Хайр, ҳамин корҳо, ки тамом шуд, боз ҳар рӯз ба дарс рафтан мегирам".

Бояд зикр намуд, ки ин танҳо як лаҳзаи ба "савдои ғайриоддӣ" машғул шудани ноболиғе дар шаҳри Кӯлоб буд. Шояд манзараҳои зиёде ба ин монанд вуҷуд дошта бошанд ва на танҳо дар самти савдо, зеро коршиносони маҳаллӣ ба вуҷуд доштани корҳои ҷисмонии дигар низ ишора мекунанд.

Зиёии тоҷик аз минтақаи Кӯлоб Зафар Мирзоён мегӯяд, ки кор гирифтан аз дастони нозуки кӯдакон дар корҳои сангин, аз ночории падару модар аст. Ба вижа падару модаре, ки дар русто зиндагӣ доранд.

- Дар он ҷо кӯдак ҳам навбати пода дорад, ҳам алафу гандум медаравад, аз кӯҳу теппа ҳезум меорад, меваву пахта мечинад, хоҳару бародарони хурдашро парасторӣ мекунад. Инро ҳама медонанд. Дар замони пешин мо низ дар корҳои хонаву пахтачинӣ ночор шуғл меварзидем. Ин ошуфтагиҳо чандин омил дорад, ки нахусташ бебизоатии бахши зиёди мардум, зиёд будани аҳли хонавода, мавҷуд набудани шароити кор барои занон ва ҳамчунон табиати шарқиёнаи тоҷикон мебошад,- гуфт З. Мирзоён.

Ба андешаи ӯ, бояд як ҷунбише ба миён овард, чун мардуми Кореяи ҷанубии 30 сол пеш, ки ҳамаро фидои омӯзишу парвариши фарзандон карда буданд.

Чун сухан атрофи омӯзиш кушода шуд, тасмим гирифтем ба масъулин муроҷиат намоем. Мудири шӯъбаи маорифи шаҳри Кӯлоб Пирмурод Сабуров дар сӯҳбат бо мо изҳор дошт, ки "агар ягон рӯз баъди дарс барои рӯфтани дару дарвоза нагуфта бошем, дар вақти дарс пахтачинӣ раванду ягон ҷойи дигар раванд, инхелӣ нагуфтаем. Пахтачинӣ чанд сол боз барҳам хӯрда, ҷони халқ дамидааст. Мо аз дарс ягон касро канор накардаем. Ман як моҳ шуд кор карда истодаам. Агар замин дошта бошанд, яъне оилавӣ саҳм дошта бошанд, хайр, баъди дарс мераванд, бо падару модар пахта мечинанд. Пахтаи худашон аст, мечинанд".

Андешаҳои мудири шӯъбаи маориф дар ҳоле садо медиҳанд, ки сардори идораи кишоварзии шаҳри Кӯлоб Мирзоалӣ Ҳакимов низ вуҷуд доштани ҳолатҳои истифода аз меҳнати ноболиғонро рад мекунад. Баъд аз зангзаниҳои тӯлонӣ муяссар шуд, ки бо М.Ҳакимов сӯҳбати кӯтоҳе дошта бошем. Номбурда ба суолҳоямон бо чанд ҷумла мухтасар посух гуфт: "Ман чор сол сардори идораам, вале ин хел корро надидаам. Мо мактаббачаро даъват намекунем, на барои пахтачинӣ ва на барои дигар корҳои саҳроӣ".

Дар ҳамин ҳол, коршиноси масоили иқтисодӣ аз минтақаи Кӯлоб Давлатмурод Ҷумъаев мегӯяд, ки масъалаи пахтачинӣ бояд таҳти назорати волидайни кӯдакон ҳаллу фасл шавад.

- Агар онҳо пофишорӣ намоянд ва ба мақомоти дахлдор муроҷиат кунанд, касе наметавонад ноболиғонро иҷборан ба саҳро барорад. Аз дигар тараф, дар бисёр маврид ноболиғон ихтиёран, барои дарёфти маблағ ба пахтачинӣ мебароянд, зеро дар мавсими имсола нархи чиниши пахта хело ҳам афзуда буд ва бисёриҳо даромади хуб ҳам гирифтанд. Хуллас, масъалаи мазкур бештар ба мо, калонсолон вобаста аст ва то вазъи иқтисодии кишвар беҳ нагардаду дар дохили мамлакат ҷойҳои корӣ бо маоши муносибу кофӣ барои рӯзгор муҳайё нашавад, вазъ ҳамин хел боқӣ хоҳад монд,- иброз намуд ӯ

### Беҳуқуқтарин махлуқи зинда?

Масъалаи таъмин бо ҷойи кор ва дар ин замина аҳамият додани калонсолон ба шароити зиндагию таҳсили ноболиғон воқеан муҳиму баҳсталаб аст. Рӯзноманигор Сафват Бурҳонов чунин андеша дорад: "Фалсафаи зиндагии мо муаммои тухму мурғро мемонад: мурғ аввал буд ё тухм? Як стереотипи фалокат дар мағзи миллати мо ҷо шудааст, ки намедонам аз куҷо маншаъ мегирад. Фарзандро танҳо ба хотири дар оянда дастёр шудан таваллуд мекунем. Назода ӯро ба хизматгорӣ маҳкум мекунем. Дар фарҳанги миллии мо ин чиз ҳаст? Дар дини мо ҳаст? Ба дониши ман, на фарҳангу на дини мо иҷозат намедиҳад, ки ба фарзанд ҷабр кунем. Ҷабр ба кӯдак аз замони шӯравӣ ба фарҳанги мо ворид шуд. Корҳои саҳроии мактаббачаҳо, даравгарии кӯдакони вақти ҷанг, пахтачинии замони осоишта ва ғайра. Мо ба дараҷае одат кардем, ки ситам ба фарзанди худро норма қабул кардем. То дараҷае, ки бе алаф хобидани буз мумкин несту гурӯсна хобидани кӯдак мумкин. Кӯдаки худро то таваллуд гирифтори ситам мекунем. Кӣ мегӯяд, ки ба зани ҳомилаи худ ғизои махсус таҳия мекунад? Агар зан ҳангоми ҳамл ғизои даркорӣ нагирад, тифли ӯ низ ноқис мешавад. Фарзанди мо натиҷаи ғизои зан аст дар вақти ҳамл".

С. Бурҳонов фарзандони тоҷикро беҳуқуқтарин мавҷуди зинда дар дунё медонад ва меафзояд: "Ҳангоми ғизо аввал меҳмон, баъд калонсолон, он гоҳ дар косаи шикаста, ҳар чӣ монад, ба кӯдакон. Барои санҷиш, равед ба деҳот, бинед, ки пои зиёд кӯдакон нимбараҳна аст. Онҳо низ хунук мехӯранд. Шуморо намедонам, вале ман пеши кӯдакони Тоҷикистон бахшиш мехоҳам. Худованди бузург ба онҳо раҳм кунад!".

Дар ҳоле, ки С.Бурҳонов ноболиғони тоҷикро "беҳуқуқтарин организми зинда" мехонад, муовини раиси ҲУСДТ Шокирҷон Ҳакимов бо ишора ба вуҷуд доштани заминаҳои ҳуқуқӣ айбро дар иҷро нашудани қонун мебинад. Ӯ аз ҷумла мегӯяд: "Вобаста ба хусусиятҳои кор Кодекси меҳнат ҳадди синну солро муқаррар намудааст. Инчунин, бо дарназардошти қисми таркибии низоми ҳуқуқии Тоҷикистон шудани санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва шартномаҳои ба тасвиб расида, номгӯи корҳое, ки дар онҳо бояд кӯдакону наврасон истифода нашаванд, хеле зиёд аст. Аммо вазъи ногувор ва мушкили иқтисодиро ба назар гирифта, корфармоён кӯшиш менамоянд, ки меҳнати ноболиғонро ҳамчун қувваи кории арзон истифода баранд. Дар ин хусус нозирони минтақавии ВКД ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ низ медонанд, вале тадбирҳои мушаххас намеандешанд".

Пас чаро ҳолати шикояти ноболиғон ва ё волидони онҳо барои ҷалб гардидани кӯдакон ба меҳнат мушоҳида намешавад? Ш. Ҳакимов дар посух ба ин суол мегӯяд, ки "сабаби муроҷиат накардани ноболиғон ё волидони онҳо ба мақомоти дахлдори давлатӣ дар он аст, ки дар баъзе оилаҳо маҳз заҳмати ноболиғон манбаи ягонаи зиндагӣ мебошад".

### "Худатон медонед-ку..."

Эътирози Ш.Ҳакимов оид ба нокифоягии лоиҳаву барномаҳои созмонҳои байналмилалӣ ва набудани назорати давлатӣ дар ҳоле ба гӯш мерасад, ки се сол боз дар доираи Барномаи мубориза ба муқобили ҷалби наврасону кӯдакон ба меҳнати иҷборӣ дар Тоҷикистон мониторингҳо гузаронида мешаванд. Ба иттилои ҳамоҳангсози Созмони байналмилалии муҳоҷират, ин созмон дар доираи барномаи мазкур ҳамзамон силсилаи семинарҳои омӯзиширо барои кормандони ВАО, ҳуқуқшиносону дигар коршиносони тоҷик доир менамояд. Сино Алиев мегӯяд, ки ҳангоми гузаронидани санҷишу пурсишҳо, бо далелҳои ҷалб гардидани ноболиғон ба пахтачинӣ дучор шуда, дар ин самт чораҳои лозимаро андешидаанд.

Сардори шӯъбаи назорати шуғли аҳолии

PDF created with pdfFactory Pro trial version www.pdffactory.com

# КӮДАКИ ГУРУСНА



Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи меҳнат Маҳмадтолиб Миралиев мегӯяд, ки хадамоти номбурда солҳои 2011-2012 якҷоя бо Созмони байналмилалии муҳоҷират дар заминҳои пахтаи ҳам вилояти Хатлон ва ҳам дар вилояти Суғд рейд-санҷишҳо гузарониданд. "Албатта, буданд ҳолатҳое, ки хонандагон ба пахтачинӣ ҷалб гардида буданд. Вале оё мо нишон дода метавонем, ки ҳамин хонанда ба пахтачинӣ ҷалб гардидааст, ё бо ихтиёри худ баромадааст? Лекин вақте ба замини пахта меравию мебинӣ, ки 2-3 омӯзгор бо 2-3 гурӯҳ мактаббача, дар дасташон рӯйхати талабаҳои синфи 7, 8, 9 истодаанд, мефаҳмӣ, ки аллакай ҳамин кор ба воситаи ҷалбкунист.

Хадамот дар ин ҳолат бо роҳбарони хоҷагиҳо оид ба иҷрои талаботи қонунгузорӣ сӯҳбат мекунад, ки оё бо онҳо (ноболиғон) шартномаи меҳнатӣ бастаанд ё не? Вақте ба ҳамон ду-се омӯзгор мегӯӣ, ки "шуморо кӣ овард, худатон омадед?", мегӯянд, ки "ака, аку ягонҷо нагӯву мо аз пеши худамон ба инҷо намеоем-ку!". Мақсад ки моро директор гуфт, талабаҳоро мебареду дар фалон замин пахта мечинед. Вақте ба директори мактаб муроҷиат мекунӣ, ки "дар фалон замини пахта ду-се омӯзгор бо ҳамин қадар гурӯҳ пахта чида истодаанд, кӣ сафарбар кардааст онҳоро!?", мегӯяд, ки "ака, худатон медонед-ку, моро аз куҷо гап мезананд". Мақсад, эшонро аз шӯъбаи маорифи ноҳия, ё аз мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ гуфтанд, ки талабаҳоро бареду пахтаро чинед, то нақша иҷро шавад. Чунин ҳолатҳо аз ҷониби хадамот ошкор шуданд",- иброз дошт мавсуф.

Ҳамсӯҳбатамон бо ишора ба чораҳои қонунӣ андешидан нисбати корфармоёне, ки аз меҳнати кӯдакон истифода мебаранд, чунин мегӯяд: "Вақте мо дар вилоятҳои Суғду Хатлон оид ба ҷалб гардидани меҳнати кӯдакон рейд гузаронидем, дар 13 ҳолат нисбати роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ чора андешида шуд. Ҳангоми пурсиш муайян гардид, ки дар хоҷагиҳои деҳқоние, ки мактаббачаҳо ба пахтачинӣ ҷалб шуда буданд, талаботи Кодекси меҳнат аз ҷониби корфармо риоя нагардидааст. Яъне бо талабаҳо шартномаи меҳнатӣ баста нашудааст. Барои ҳамин, аз ҷониби Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи меҳнат дар асоси Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати ҳар кадом роҳбари хоҷагӣ ба маблағи 800 сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ таъин карда шуд".

Вале ба андешаи ӯ, тадбиқ кардани ҷаримаи маъмурӣ роҳи ҳалли мушкилӣ набуда, бояд мақомоти иҷроияти ҳокимияти маҳаллии ҳар як шаҳру ноҳия нисбати ин масъала чораҳои зарурӣ андешанд.

## Дар боби корҳои зараровар ва имтиёзҳои ноболиғон

Сардори шӯъбаи назорати шуғли аҳолии Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи меҳнат М.Миралиев бар ин назар аст, ки бахусус дар маҳалҳо мардум аз қонунҳои амалкунанда огоҳии комил надоранд: "Дар як семинаре, ки дар шаҳри Кӯлоб гузаронида шуд, ҳам директорони мактабҳо ва ҳам намояндагони ташкилотҳои ғайридавлатӣ гуфтанд, ки ноболиғон бояд умуман ба меҳнат ҷалб карда нашаванд. Яъне онҳо гуфтаниянд, ки ноболиғон умуман ҳуқуқ ба меҳнат надоранд. Ман гуфтам, ки агар шумо аз моддаи 35-и Сарқонун огоҳӣ дошта бошед, гуфта шудааст, ки ҳар кас ҳуқуқ ба меҳнат дорад. Дар ҳамон модда оварда шудааст, ки ноболиғон ба корҳои шабона ва зеризаминӣ ҷалб карда намешаванд. Мутобиқи моддаи 27-и Кодекси меҳнат, "шаҳрванде, ки ба синни 15-солагӣ расидааст, ҳуқуқ дорад бо корфармо шартномаи меҳнатӣ бандад" ва "шаҳрванде, ки дар мактаби миёна таҳсил мекунад, аз синни 14-солагӣ ҳуқуқ ба меҳнатро дорад". Танҳо ҳамин талаботи қонунгузорӣ бояд аз ҷониби корфармо, вақте ноболиғро ба кор қабул мекунад, иҷро шавад. Зеро ноболиғон нисбат ба болиғон имтиёзҳо доранд. Масалан вақти кӯтоҳи корӣ, дар шароити хатарноку зарарнок кор накардан. Дигар ин ки, вақте кӯдаки 14-солаи мактабхон мехоҳад кор кунад, бояд розигии хаттии падару модараш бошад. Ҳамзамон, дар ин ҳолат корфармо бояд аз ӯ маълумотномаи тиббӣ талаб намояд".

Ба андешаи ин мутахассис, мушкили дигар масъалаи риоя нашудани давомнокии кори ноболиғон аст: "Тибқи моддаи 67-и Кодекси меҳнат, кормандони аз синни 15 то 16-сола дар як рӯз набояд аз 2,5 соат зиёд ва аз 16 то 18-сола дар як рӯз набояд аз 3,5 соат зиёд кор кунанд. Лекин, вақте талабаи мактаби миёна аз соати 8-и саҳар то соати 5-и бегоҳ дар замин пахта мечинад, кӣ ба ин ҷавобгар аст? Агар корфармо аз моҳияти қонун огоҳӣ дошта бошад, талабаро аз саҳар то бегоҳ ба пахтачинӣ сафарбар намекунад".

Устоди факултаи ҳуқуқшиносии ДМТ, профессор Тақдиршо Шарипов низ меҳнати маҷбуриро яке аз масъалаҳои мубрами рӯз меҳисобад.

- Масъалаи манъи меҳнати маҷбурӣ саравал аз Сарқонуни кишвар бармеояд,- мегӯяд ӯ, - Ҷумҳурии Тоҷикистон аз миёни зиёда аз 190 конвенсияе, ки Созмони байналмилалии меҳнат қабул кардааст, баъзеро ба тасвиб расонидааст. Мавриди зикр аст, ки дар ин самт Конвенсия "Дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак" низ чандин сол боз амал мекунад. Конвенсияи мазкур дар банди якуми моддаи 32 муқаррар кардааст, ки "давлатҳои ширкаткунанда ҳуқуқи кӯдакро барои ҳимоя аз истисмори иқтисодӣ, аз иҷрои ҳар коре, ки барои саломатии ӯ хатар дорад ё садди роҳи таҳсилот мешавад ё ба саломатии ӯ, инкишофи ҷисмонӣ, ақлонӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоиаш зарар мерасонад, эътироф мекунанд".

Воқеан, Созмони байналмилалии меҳнат (СБМ) дар самти омӯзиши меҳнати кӯдакону ноболиғон бо истифода аз талаботи чунин конвенсияҳо ва дигар қонунгузориҳои миллӣ, фаъолият мекунад. Таври маълум, айни замон ин созмон дар якҷоягӣ бо Агентии омори Тоҷикистон тадқиқотеро бар асоси Барномаи "Тадқиқоти меҳнати кӯдакон ва ташкили механизми маълумотҳо оид ба меҳнати кӯдакон дар Тоҷикистон" амалӣ карда истодааст. Ин барнома 12 моҳ идома меёбад ва гузаронидани тадқиқоти интихобиро дар хонаводаҳо дар ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистон дар бар мегирад, ки барои дарёфти маълумоти боварибахш дар бораи нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти кӯдакони аз синни 5 то 17-сола, давомоти ба мактаб рафтани онҳо, кор дар оила ва берун аз он, инчунин дар бораи сабабҳои паҳншавии меҳнати кӯдакон дар Тоҷикистон имконият фароҳам меорад.

Имрӯзҳо оид ба шумораи кӯдаконе, ки дар Тоҷикистон ба кор ҷалб шудаанд, омори дақиқ вуҷуд надорад, аммо Созмони байналмилалии меҳнат теъдоди онҳоро ҳудуди 170 ҳазор мегӯяд. Ба иттилои намояндагони созмони мазкур, 85 фоизи кӯдаконе, ки кор мекунанд, ба меҳнати иҷборӣ дар бахши кишварзӣ ҷалб шудаанд, 3,4 фоизи онҳо дар сохтмон, 3,7 фоиз дар тиҷорат ва 7,4 фоиз дар саноат ба кор машғуланд.

- Дар Тоҷикистон шумораи кӯдаконе, ки ба кор ҷалб шудаанд, ҳар сол меафзояд. Ба ин чанд далел мусоидат кардааст. Бештари вақт мо қашшоқиро сабаби аслии кори кӯдакон мегӯем, аммо сатҳи қашшоқӣ дар Тоҷикистон сол то сол поин мешавад. Ҳоло 40 дарсади мардум поин аз хати фақр зиндагӣ доранд. Ба ҳамин далел, фикр мекунам, ки на ҳамеша қашшоқӣ сабаби кори кӯдакон аст,- мегӯяд ҳамоҳангсози СБМ дар Тоҷикистон Муҳайё Хосабекова.

Коршиноси масоили иҷтимоӣ Оро Маъруфпур ба ин ақида розӣ буда, чунин изҳор медорад: "Тоҷирон аз ҳаммоли калонсол истифода намекунанд, зеро меҳнаташ қиммат аст. Ноболиғон ҳамон кори вазнинро ба ними арзиши меҳнати калонсолон ба ҷо меоранд. Заҳмати ноболиғони пойтахт дар бозорҳо тобистон вақти меваю сабзавот чун ҳаммол авҷ мегирад, аммо тирамоҳу зимистон ҳам ноболиғонро ба сифати фаррошу ҳаммол истифода мекунанд, хоса соҳибони дӯконҳо. Худи ноболиғон ҳам дар суроғи коранд ва маблағи ба даст овардаашонро одатан барои бозии компютер, диски филм, телефони мобилӣ ва зиёфати духтараке сарф мекунанд".

Аммо ҳамсӯҳбати мо ҳамзамон аз мавҷудияти ҳолатҳои ба кори вазнин ҷалб шудани шахсони воқеан камбизоат низ ёдовар мешавад: "Дар бозори "Корвон" хонандагони синфҳои 6-9 ҳамчун ҳаммол кор мекунанд, чунки тоҷирон аз меҳнати эшон арзон истифода мебаранд. Наим ном ноболиғро аз маҳаллаи 46-уми пойтахт медонам, ки рӯзе 7-10 сомонӣ аз ҳаммолӣ меёбад ва ба хоҳари донишҷӯяш Марҷона медиҳад, то роҳпулию хӯрокпулӣ кунад".

Сокини 13-солаи шаҳри Душанбе П.С. панҷ сол боз дар хиёбонҳои пойтахт ба мошиншӯӣ машғул аст. Дар ҳоле, ки падару модараш пиранду ҷои кор надоранд, ӯ бори гарони зиндагиро бар дӯши худ гирифтааст. Ин навраси тоҷик аз ҳаштсолагӣ ба даст сатилу латта гирифта, ба кӯча баромадааст. Ҳарчанд ӯ мактабхон аст, дар бисёр ҳолат барои пул пайдо кардан ба дарс намеравад: "Падару модарам пир шудаанду маҷбурам кор кунам. Бо пуле, ки ба даст меорам, картошка, пиёз, равған ва дигар маводи заруриро мехарам ва зиндагии оиламонро пеш мебарам. Дар як рӯз аз 20 то 40 сомонӣ маблағ ба даст меорам".

Саидҷаъфари 15-сола аз ноҳияи Ҳисор низ, ки дар бозори "Шоҳмансур" ба борбардорӣ машғул аст, аз камбизоат будани аксарияти ноболиғон коргар дарак медиҳад. Ба гуфтаи ӯ, қисмати зиёди коргарони ноболиғ аз минтақаҳои гуногуни кишвар дар пойтахт ҷамъ омадаанд: "Байни кӯдакони коргар агар яктонимто аз худи пойтахт набошад, дигар ҳамааашон аз қишлоқҳоянд. Бисёртар аз Хуросон, Кӯлобу Қӯрғонтеппа, ноҳияи Рӯдакӣ ва аз тарафҳои Регар коркунӣ меоянд. Бечораҳо ҳамаашон камбағаланд, ё падару модари маъюб доранд, ё умуман падар надоранд. Ман хубтар, ки хонаамон наздик аст, аммо намедонам онҳо шабашонро дар куҷо рӯз мекунанд. Падари ман маъюб асту дар оила 9 нафарем. Модарам савдо мекунад, аммо худаш танҳо наметавонад ҳамаи моро таъмин кунад. Барои ҳамин, бисёр вақт як-ду дарс хонда, ба шаҳр меояму касе ягон кори борфарорӣ ё борбардорӣ фармояд, иҷро мекунам. Рӯзҳои якшанбе бошад, аз саҳар худро дар ягон бозори шаҳр мегирам. Дар як рӯз то 30 сомонӣ ва рӯзҳои якшанбе то 50-60 сомонӣ кор мекунам. Ақаллан чизҳои мактабиамро бо пули худам мехарам".

## Роҳи ҳал ҳаст!

Дар ҳамин ҳол, ҷомеашиноси тоҷик Бобоҷони Шафеъ аз меҳнату заҳмати муддавоми ноболиғони тоҷик изҳори ташвиш мекунад: "Аз гузаштаи начандон дур то ба имрӯз мо шоҳиди истифодаи заҳмати бачаҳои синни хурди мактабӣ дар корҳои саҳро будему имрӯз ҳам ҳастем. Аммо имрӯзи Тоҷикистон шояд даҳшатноктар аз дирӯз бошад. Дар кӯчаву бозор садҳо тифлакони синни мактабиро дидан мумкин аст, ки ба ҷои рафтан ба мактабу савод омӯхтан, машғули корҳои аробакашиву мошиншӯӣ мешаванд, то барои хонаводаи бенавои худ луқмаи нон пайдо кунанд".

Ба андешаи номбурда, имрӯз ягон ниҳод ҳаққе ҳам надорад ин тифлонро аз ин гуна заҳматҳо боздорад, чун воқеияти зиндагии кишвар аст, ки бачаҳо аз ҳамин синну сол бори машаққати рӯзгорро мекашанд.

- Дар хонаводаҳое, ки бештар аз 6 хӯранда доранд, баъзан як бачаи мактабхон василаи рӯзгузаронии онҳо мешавад. Яъне, дар бештар ҳолатҳо меҳнати онҳо сӯистифода намешавад, балки онҳо маҷбуранд кор кунанд, то бародарону хоҳаракони худро ақаллан хӯронда тавонанд. Ҳолатҳои зиёде иттифоқ меафтад, ки падар ба Русия меравад ва муддатҳо наметавонад пул фиристад ва ё кор пайдо намекунад. Дар ин ҳолат маҳз ҳамин бачаҳоянд, ки оиларо саробон мешаванд. Ба андешаи ман, меҳнати тифлон дар Тоҷикистон зарурати иҷтимоист, зеро агар онҳо набошанд, бахши азим аз гурӯснагӣ азият мекашанд. Ягон сохтори давлатӣ наметавонад онҳоро аз ин роҳ боздорад,- иброз медорад Б. Шафеъ.

Изҳори таассуфи ин коршинос дар ҳолест, ки ба қавли ҳамоҳангсози Созмони байналмилалии муҳоҷират дар Тоҷикистон Сино Алиев, роҳи ҳал вуҷуд дорад. С. Алиев низ бар ин назар аст, ки ба шӯъбаҳои маорифи маҳалҳо ва ё мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ шикоят бурдан дар бораи ба меҳнат ҷалб шудани ноболиғон бефоида аст, чун онҳо ҷонибҳои манфиатдор ба ҳисоб мераванд. Ӯ мегӯяд, ки беҳтараш шаҳрвандон дар чунин ҳолатҳо ба Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи меҳнат муроҷиат кунанд, зеро ин ниҳод ҷиддан барои ҳалли қазияҳо талош меварзад.

Воқеан, хеле муфиду мусбат аст ин пешниҳод ва бояд ҳарчи зудтар ба таври густурда амалӣ гардад, то ноболиғони тоҷик ҳамвора зери бори кору аз мактаб канор намонанд. Зеро, инак баҳор ҳам фаро расид ва корҳои дигари саҳроӣ дар пеш аст...

**Мавод бо дастгирии SCOOP, ки ба тадқиқоти журналистӣ машғул аст, таҳия ва нашр шудааст.**

PDF created with pdfFactory Pro trial version www.pdffactory.com